Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

7 майи соли 2025
Чоршанбе
№ 37 (15152)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## БА ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ПУРЗЎР НАМУДАНИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ СОДИР МЕШАВАНД, ТАҒЙИРОТ ВОРИД КАРДА МЕШАВАД

***Президент Шавкат Мирзиёев ба қарор «Дар бораи чораҳо ҷиҳати таҳкими минбаъдаи фаъолият оид ба муқовимат ба ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд» имзо гузошт.***

Бо ин қарор тадбирҳо ҷиҳати такмил додани қонунгузории мавҷуда ва татбиқи як қатор чораҳои ташкиливу техникӣ, ки ба пешгирии саривақтӣ ва баланд бардоштани самаранокии ошкорсозии киберҷиноятҳо нигаронида шудаанд, муайян гардиданд.

Аз ҷумла, супориш дода шуд, ки лоиҳаи қонуни алоҳида таҳия гардад, ки татбиқи таҷрибаи ягона дар соҳаи муқовимат ба киберҷиноятҳоро пешбинӣ менамояд. Ҳамзамон, ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда мешаванд, ки ҷавобгарии шахсони ҳуқуқиро барои риоя накардани талаботи амнияти киберӣ ва ҳамаи ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ пурзўр менамояд.

Тартиби аз ҳисоби онҳо рўёнидани зарари моддии аз киберҷиноятҳо расида, ки дар натиҷаи риоя накардани талаботи амнияти иттилоотӣ ва киберӣ аз ҷониби бонкҳо, операторони низоми пардохт, ташкилотҳои пардохтӣ ва дигар муассисаҳо ба миён омадааст, муайян гардидааст.

Илова бар ин, чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои шахсоне ҷорӣ мешаванд, ки ба истифодаи кортҳои бонкӣ, ҳисоб, ҳамёнҳои электронӣ ё маълумоти шахсӣ (SIM-кортҳо, ҳисобҳои электронӣ)-и худ барои содир кардани киберҷиноятҳо роҳ додаанд.

Бо мақсади пешгирии киберҷиноятҳо таҷрибаи эълони рўйхати бонкҳо ва ташкилотҳои пардохтӣ, ки бо сабаби осебпазирии низоми иттилоотии худ, ба содиршавии киберҷиноятҳо роҳ додаанд, инчунин механизмҳои барвақт ошкор кардани нақшаҳои қаллобии онлайн, ки бо мақсади ҷалби маблағи аҳолӣ нигаронда шудаанд («пирамидаҳои молиявӣ»), ҷорӣ карда мешавад.

Барои пешгирии дуздии маблағ аз кортҳои бонкии шаҳрвандон бонкҳо, операторони низоми пардохт ва ташкилотҳои пардохтӣ вазифадоранд, ки системаҳои муосири ҳифз аз қаллобӣ (антифрод), барномаҳои зиддивирусӣ ҷорӣ намоянд, инчунин имкони техникии зангҳои қаллобонаро бо рақамҳои сохташуда маҳдуд кунанд.

Аз соли ҷорӣ, ҳамасола дар давоми як моҳ маъракаи ҳамаҷонибаи иттилоотию таблиғотии «Моҳонаи баланд бардоштани фарҳанги киберӣ» баргузор мегардад. Дар доираи ин маъракa тавассути корҳои фаҳмондадиҳии фаъоли ҳамаи сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, низоми доимии баланд бардоштани масуният (иммунитет)-и рақамӣ ва огоҳии аҳолӣ таъсис дода мешавад.

Бар асоси қарор, бо мақсади ошкорсозии киберҷиноятҳо фаъолияти гурўҳи фаврӣ ташкил мешавад, ки ба он намояндагони Бонки марказӣ, низомҳои пардохт ва мақомоти корҳои дохилӣ шомил хоҳанд шуд. Ин гурўҳ ба тарзи фаврӣ кортҳои бонкиеро, ки бо интиқолҳои шубҳанок алоқаманданд, муайян ва масдуд хоҳад кард.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ НАВ БА ЗИНДАГИИ МО ЧӢ ГУНА ТАЪСИР МЕРАСОНАД?

***Дунё рў ба тараққӣ овардааст ва замони муосирро бе истифодаи технологияи гуногун тасаввур наметавон кард. Ба ибораи дигар, технология дар дунёи муосир ба як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти одамон табдил ёфтаанд. Ҳар сў бингарӣ, ному нишонеро аз навгониҳои фаннӣ дидан мумкин аст.***

Ҳоло одамон аз дастгоҳҳои мобилӣ фаровон истифода мебаранд. Шабакаҳои интернетӣ бо нашри маводи мавриди зарурати инсонҳо онҳоро бо навгониҳо ошно месозанд. Мисле ки ин ҳаёт бидуни интернет ягон маънӣ надорад. Зеро тавассути он корҳои зиёд анҷом дода мешаванд, хату хабар ба таври оперативӣ ба ҷойҳои даркорӣ мерасанд.

Дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ, аз ҷумла, таҳсил, кор ва муносибатҳои иҷтимоӣ корбасти интернетро мебинем. Агар истифодаи технология дар соҳаи таҳсилро гирем, дар даврони пахши пандемия мушкил буд, ки бе истифодаи он корҳои зиёд ба субут расанд. Зеро такдими интернет ва платформаҳои таълимӣ барои давом додани таълим ҳатмӣ аз ҷанбаҳои хеле муҳим маҳсуб гардид.

Технология натанҳо ба мо, донишҷўён кумак карданд, балки имкони ба даст овардани навовариҳо дар соҳаҳои гуногунро низ таъмин намуданд. Дар замони ҳозира низ барои донишҷўён имкон фароҳам оварда шудааст, ки дарсҳоро аз тариқи онлайн гўш диҳанд, видеои таълимӣ тамошо кунанд ва дар баробари китобу дафтар, инчунин аз телефон, планшет ва ноутбук низ ҳамчун ашёи таълимӣ истифода намоянд. Пештар барои ёфтани ин ё он маълумоти илмӣ донишҷў соатҳо дар китобхонаҳо вақт мегузаронд, аммо имрўз бо як ангушт метавонад ҳазорон мақола, китоб ва маълумоти заруриро аз интернет пайдо кунад.

Яке аз муҳимтарин самтҳои дигари истифодаи технология ин суҳбат аст, ки аз кунҷу канор, дуру наздик низ қобили дастрасӣ дорад. Ба таври мисол, агар дар гузашта одамон барои суҳбат бояд якҷо нишинанд, имрўз бо кумаки телефон, интернет метавонанд аз масофаи дилхоҳ бо ҳамдигар алоқа ва суҳбат анҷом диҳанд. Ин имкониятро маҳз технология барои инсон осон гардонидааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

## «ОРДИ ҚИПЧОҚ» ЭКСПОРТ МЕШАВАД

*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Nukus Dilisha», ки дар ҳудуди ҷамъияти шаҳрвандони «Ҷайҳун»-и ноҳияи Амударё таъсис ёфтааст, ба коркарди гандум ихтисос ёфтааст.*

*Маблағи умумии лоиҳавии корхона, ки бо ташаббуси соҳибкор Баҳром Йўдошев роҳандозӣ шудааст, 15 миллиард сўмро ташкил медиҳад. Иқтидори истеҳсолии солона 10 ҳазор тонна мебошад. Дар ин ҷо бо роҳи коркарди гандуми маҳаллӣ бо тамғаи «Қипчоқ унлари» орди навъи якум тайёр карда мешавад.*

*Вақте ки корхона дар ояндаи наздик пурра ба кор медарояд, дар он зиёда аз 50 нафар коргарон бо кор таъмин мешаванд. Ҳамчунин, 80 дарсади маҳсулоти тайёр ба бозори дохилӣ ва 20 дарсад содир мешавад.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «Nukus Dilisha».*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



## ВОХЎРИИ СЕ АВЛОД ИДОМА ДОРАД

***Бо ташаббуси Президент дар маҳалҳои кишварамон бо мақсади идомаи анъанаҳои пешқадами гузаштагон ва тарбияи насли наврас дар рўҳи ватандўстиву ватанпарварӣ вохўрии вакилони се авлод баргузор мегардад.***

Ба муносибати 9 Май – Рўзи хотира ва қадр дар сиҳатгоҳи «Косонсой» бо ташаббуси ҳокимият ва шуъбаи ноҳиявии «Нуронӣ»-и Косонсой чунин вохўрӣ ташкил карда шуд.

Дар чорабинӣ як гурўҳ омўзгорону профессорони косонсоӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Намангон, Донишкадаи техникии Намангон ва Донишгоҳи давлатии педагогии Намангон фаъолият доранд, иштирок намуданд.

Ҳокими ноҳия Дилмурод Қодиров дар бораи мақому мавқеи олимони ноҳия дар роҳи таълиму тарбияи ҷавонон мулоҳизаҳои худро баён кард. Раиси шуъбаи вилоятии «Нуронӣ», аъзои Сенати Олий Маҷлис Икромхон Наҷмиддинов, собиқадори меҳнат Абдулҳай Турсунов, профессори Донишгоҳи техникии Намангон Фахриддин Маткаримов, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Шермуҳаммад Бегматов, омўзгори фахрӣ Раънохон Воҳидова оиди аҳамияти омўзиши мероси бой ва нодири гузаштагонамон, муҳофизату пойдоргардонии анъанаву арзишҳои ахлоқии ниёгон, аз ҷумла амалигардонии тамоюли «Ба як бача ҳафт маҳалла падару модар», ки дар пешгирии ҳамагуна нохушӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо аҳамияти калон дорад, фикру мулоҳизаҳои худро баён карданд.

Дар чорабинӣ ба ҷавонони фаъол ва ғолибони олимпиадаи фаннии хонандагони мактабҳои миёна ва коллеҷҳо аз тарафи ташкилотчиён ифтихорнома, мукофотҳои пулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Чунин чорабиниҳо дар дигар ноҳияҳои вилоят низ давом дорад.

Муносибат

## БОЗ ЯК ТАШАББУСИ МУҲИМ ДАР ЭЪТИРОФИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ

***Имрўз ҷомеаи ҷаҳонӣ тағйирёбии иқлимро яке аз ҷиддитарин мушкилоти пешорўи инсоният меҳисобад. Муттахассисон ҳушдор медиҳанд, ки сари вақт дар ин бобат андешида нашудани чораҳо метавонад ба оқибатҳои пешгўинашаванда оварда расонад.***

Роҳбари кишварамон 4 апрел дар суханронии худ дар ҷаласаи умумии Форуми байналмилалии иқлимии Самарқанд ба таъсироти манфии буҳрони иқлим — афзоиши миқёси сўхтори ҷангалҳо ва биёбоншавӣ, кам шудани пиряххо, камчинии захираҳои об ва бад шудани сифати ҳаво ишора карда, таъкид намуд, ки «...ҳифз ва муҳофизати муҳити зист масъулияти ҳамаи мост. Ин масъала аз муҳимтарин масоили рўз аст».

Инчунин, Президенти мо 7 апрел зимни суханронӣ дар Ассамблеяи 150-уми Иттиҳоди байнипарлумонӣ низ ба ин масъала таваҷҷўҳ карда, диққати вакилони парлумонҳои ҷаҳонро ба он ҷалб намуд, ки тағйирёбии иқлим, ки ба яке аз мушкилоти шадиди замони мо табдил ёфтааст ва ба пешрафти сайёра монеаи ҷиддӣ эҷод мекунад, бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар кишварамон сиёсати устувори экологӣ амалӣ мегардад, ки ҳадафи он ҳалли мушкилоти экологӣ, махсусан ҳифз ва барқарорсозии низоми экологии минтақаи баҳри Арал ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Дар сатҳи байналмилалӣ ташаббусҳое, ки роҳбари кишварамон пешниҳод кардааст, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф ёфтаанд ва Ассамблеяи генералии СММ 11 резолютсияи марбут ба ин ташаббусҳоро қабул кардааст. Аксари онҳо ба масъалаҳои экология, ҳифзи муҳити зист ва мушкилоти иқлим бахшида шудаанд.

Танҳо чанде пеш яке аз ҳуҷҷатҳои муҳим — резолютсияи Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи амал барои сабзазоргардонӣ ва барқарорсозии ҷангалҳо дар асоси идораи устувори ҷангалҳо» бо ташаббуси Ўзбекистон қабул гардид.

Ба ин ҳуҷҷати таърихӣ зиёда аз 80 кишвари узв, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ, инчунин Озарбойҷон, Русия, Бразилия, Австрия, Олмон, Финляндия, Португалия, Ҳинд, Эрон, Покистон, АМА, Қатар, Баҳрайн ва дигар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҳаммуаллиф шуданд, ки аҳамияти баланди ин ҳуҷҷатро нишон медиҳад.

Маълум, ки ин Резолютсия бар асоси ташаббусҳои асосии Президенти Ўзбекистон, аз ҷумла, тибқи Барномаи давлатии «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз», лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз», ки дар ҳудудҳои шаҳр ва деҳот бо мақсади ҳифз ва барқарорсозии гуногунии биологӣ амалӣ мегардад, инчунин иқдоми ниҳолшинонии «Камарбанди сабзи Осиёи Марказӣ» таҳия шудааст.

Резолютсия даъват мекунад, ки дар солҳои 2027-2036 барои сабзазоргардонӣ ва барқарорсозии ҷангалҳо қувва ва захираҳо сафарбар карда шаванд. Ҳамчунин, ба давлат ва ташкилотҳо тавсия медиҳад, ки чорабиниҳои дахлдорро таҳким бахшанд.

Дар ин замина бояд гуфт, ки дар кишварамон барои васеъ кардани масоҳати ҷангал ва буттазорҳо, муҳофизати онҳо ва рушди ҳамаҷонибаи соҳа ислоҳоти васеъ ба роҳ монда шудаанд. Масалан, то соли 2018 аз ҷониби корхонаҳои хоҷагии ҷангал ҳар сол дар 42-44 ҳазор гектар майдон корҳои сабзазоргардонӣ анҷом ёфта бошанд, дар соли 2024 ин нишондод ба 255 ҳазор гектар расонида шудааст (афзоиш 4,5 баробар).

Ҳамчунин, агар соли 2017 миқдори тухми дарахт ва буттаҳо 290 тонна бошад, то соли 2024 ин рақам ба 1,0 ҳазор тонна расидааст.

Ҳамчунин, агар дар соли 2017 дар хоҷагиҳои ҷангал 40 навъи 51 миллион дона ниҳол ва кўчат парвариш ёфта бошад, ҳоло 88 миллион дона беш аз 70 навъи ниҳол ва кўчат рўёнда мешавад.

Соли 2025 бо мақсади устувор гардондани вазъи экологӣ дар ҷумҳурӣ дар масоҳати 253 ҳазор гектар, аз ҷумла 248 ҳазор гектар майдони минтақаи баҳри Арал (аз он 115 ҳазор гектар дар қаъри хушкшудаи баҳри Арал) ва 5 ҳазор гектар дар минтақаҳои биёбонӣ, корҳои бунёд ва барқарорсозии ҷангалҳо ба роҳ монда мешаванд.

Пешниҳодҳои созандаи роҳбари кишварамон имконият медиҳанд, ки на танҳо дар кишвар ва минтақа, балки дар миқёси ҷаҳонӣ мушкилоти глобалии экологӣ бартараф шаванд, амнияти экологӣ ва устуворӣ таъмин гардад, пеши роҳи тағйирёбии иқлим гирифта, ба он мутобиқ гардонда шавад.

**Хайрулло ҒАФФОРОВ,**
**раиси Кумитаи масъалаҳои экология ва ҳифзи муҳити зисти Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## РАИСИ МАҲАЛЛА БОЗ БА ВАЗИФА ИНТИХОБ ШУД

***Дар саросари ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ҷумҳурӣ раванди муҳими сиёсӣ – интихоботи раиси маҳаллаҳо давом дорад.***

Дар раванди интихобот шаҳрвандон фаъол иштирок намуда, мувофиқи талаботи Қонун «Дар бораи интихоботи раиси ҷамоати шаҳрвандон» роҳбарони худашонро озод интихоб мекунанд. Фаъолони маҳаллаҳо, аъзоёни комиссияҳои интихобот шаффоф ва озод гузаштани чорабинии сиёсиро ба назорати худ гирифтаанд.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Тўрақўрғони вилояти Намангон низ то ҳол дар 8 ҳудуд интихоботи раисони маҳалла баргузор гардид.

Ёртепа яке аз фаъолтарин ва ободтарин маҳаллаҳо ба шумор меравад. Ҳалима Абдураҳмонова 8 сол инҷониб ба ин маҳалла сарварӣ мекунад. Сокинони маҳалла аз фаъолияти раис розӣ ҳастанду ўро эҳтиром мекунанд. Бинобар ин, бо як овоз ўро раиси маҳалла интихоб намуданд.

Дар маҳаллаи Даштбоғи шаҳри Намангон низ интихобот баргузор гардид ва Раҳматулло Ҷабборов, ки дар амал ҳамчун раис фаъолият мебарад, боз ба муддати 5 сол интихоб шуд.

Дар шаҳри Намангон дар 62 маҳалла то 24 май интихобот баргузор мегардад ва аз 186 нафар номзаде, ки ба рўйхат гирифта шуданд муносибҳо интихоб мешаванд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# БА ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ПУРЗӮР НАМУДАНИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ҶИНОЯТҲОЕ, КИ БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ СОДИР МЕШАВАНД, ТАҒЙИРОТ ВОРИД КАРДА МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар натиҷаи ин чораҳо, имкони пешгирӣ аз интиқоли маблағҳои аз тарафи киберҷинояткорон дуздидашуда ба хориҷи кишвар ва баргардонидани онҳо ба шахсони зарардида таъмин карда мешавад.

Илова бар ин, бо мақсади баланд бардоштани сифату самаранокии тафтишот ва ошкорсозии киберҷиноятҳо назорати прокурориро оид ба риояи қонунгузорӣ дар ин раванд ҷорӣ карда, фаъолияти илмию тадқиқотӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамзамон, тадбирҳое барои густариши ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат ба киберҷинояткорӣ ва баланд бардоштани малакаи мутахассисон дар ин соҳа пешбинӣ шудаанд.

Татбиқи вазифаҳои дар қарор зикршуда масъулияти мақомоти давлатӣ, ташкилот, бонк, операторони низомҳои пардохт ва ташкилотҳои пардохтиро барои пешгирии зарарбинии шаҳрвандон аз киберҷиноятҳо ва таҳкими амнияти молиявии онҳо баланд мебардорад.



Имсол дар ноҳияи Учқӯрғони вилояти Намангон дар 2500 гектар майдон қулфинай пухта расид. Соҳибкорони ноҳия донишу таҷрибаи худро сол то сол баланд бардошта, дар парвариши қулфинай мутахассисони ботаҷриба мегарданд.

Қулфинайҳои Учқӯрғон на танҳо дар кишварамон, балки аз посгоҳи марзии Кенгсай гузашта, тавассути Қирғизистон ба бозорҳои Қазоқистон, Русия ва Чин меравад. Ин на танҳо ба инкишофи содирот, балки ба боз мустаҳкам шудани муносибатҳои иқтисодии минтақавӣ хидмат мекунад.

Ҷолиб он аст, ки Ҷашнвораи қулфинай на танҳо сокинони маҳаллиро, балки сайёҳони хориҷиро низ ҷалб мекунад.

**Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).**

*12-май – Рӯзи байналмилалии ҳифзи растаниҳо*

# ҲИФЗИ РАСТАНӢ АЗ ЗАРАРКУНАНДАҲО

***Ҳар сол 12 май бо қарори Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид Рӯзи байналмилалии ҳифзи растаниҳо таҷлил мешавад. Ташаббуси баргузории чунин рӯзро Замбия ба миён гузошта буд. Масъалаи мазкур дар заминаи рафъи гуруснагии ҷаҳонӣ хеле муҳим аст, зеро ҳашароти зараррасон ва касалиҳои растанӣ боиси талафоти зиёди ҳосил гардида, сабаби бе ғизои кофӣ мондани миллионҳо нафар мешаванд. Дар Қатънома гуфта мешавад, ки растаниҳои солим асоси тамоми мавҷудоти рӯйи Замин, фаъолияти экосистемаҳо, амнияти озуқаворӣ ва ғизо мебошанд. Растаниҳои солим омили асосии рушди устувори кишоварзӣ мебошанд, ки барои таъмини ғизои аҳолии рӯзафзуни ҷаҳон то соли 2050 зарур аст.***

Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ тахмин мезанад, ки то 40 дарсади зироати ғизоӣ бар асари бемориӣ ва ҳашароти зарарасони растанӣ талаф мешаванд ва ин зарари кишоварзӣ вазъи бе ин ҳам мушкилро бинобар афзоиши гуруснагӣ боз ҳам шадидтар ва ба манбаъҳои зиндагии деҳот таҳдид мекунад.

Барои мисол, чунин ҳодисаи нохуш замоне дар ҳаёти мардуми деҳоти ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ мушоҳида шудааст, ки оқибатҳои он дар эҷодиёти шифоҳии мардум мушоҳида мегардад. Солҳои 30-40-уми асри гузашта ҳифзи растаниҳо аз ҳашароти зарарасон мушкилиҳо дошт. Заминҳои кишти ғалладонаро малах зер мекунад ва ҳосил нобуд мегардад. Малах на танҳо растаниҳои ғалладона, балки ҳамаи растаниҳоро ба чӯби «хушк» табдил медиҳад. Мардум маҷбур мешаванд ба манзилҳои дигар кӯч банданд.

*Малах омад ба Симбулоқ,*
*Хӯрдас ҷави Ҷиҳонмурод.*
*Эҷиҳо Ургутба рафтанд,*
*Дод аз дасти малах.*

Ин ҷо оқибати таъсири ҳашароти зарарасон хуб ба мушоҳида мерасад, ки мардум маҷбур шудаанд ҳатто тарки маҳалли зисти худ кунанд.

Тибқи қарори Президент аз 15 июли соли 2021 дар заминаи Назорати давлатии карантини растании назди Девони Вазирон Агентии ҳифз ва карантини растанӣ таъсис дода шуд. Ҳамчунин Қонун «Дар бораи ҳифзи растаниҳо» қабул гардид. Дар заминаи ин қонун дар мамлакат сиёсати ягонаи давлатӣ бобати ҳимояи растанӣ аз касалӣ ва ҳашароти зарарасон таъмин гардид.

Мувофиқи қонуни мазкур вазифа ва ӯҳдадориҳои Девони Вазирон, вазоратҳои хоҷагии қишлоқ, экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим, Агентии ҳифз ва карантини растаниҳо ва Кумитаи сиҳҳати ҷомеа ва осоиштагии санитарӣ-эпидемиологӣ возеҳу равшан муайян гардиданд. Ҳамчунин он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия, шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонии соҳаро ба танзим даровард.

Ғайр аз ин, дар он талабот ба бехатарии воситаҳои мубориза бар зидди ҳашароти зарарасон, нигоҳдошт ва тарзи истифодаи моддаҳои кимиёвӣ ва воситаҳои биологӣ инъикос ёфтаанд.

Бо мақсади беш аз пеш ба роҳ мондани пешгирии касалиҳо ва ҳашароти зарарасони растаниҳо Институти тадқиқоти илмии ҳифз ва карантини растаниҳо дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Самарқанд, Фарғона, Хоразм ва Сурхондарё бахшҳои худро таъсис дод.

Олами бетакрори нაбототи Ӯзбекистон дунёи зебо ва гуногун, рангину ғанӣ аст. Байни растаниҳову гулу буттаҳо дарахтони ҳосилноку манзаравии бисёре ҳастанд, ки онҳо танҳо дар мо месабзанду ҳосил медиҳанд. Ҳамчунин, растаниҳои нодире мавҷуданд, ки ба Китоби сурхи Ӯзбекистон дохил карда шуда, зери назорати давлат қарор доранд.

Агентии ҳимоя ва карантини растанӣ фақат барои ҳифз ва карантини растанӣ не, балки бо таҳлили таркиби хок, нуриҳои минералӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, мубориза бар зидди организмҳои зараровар, пешгирии ворид ва паҳншавии онҳо ба ҷумҳурӣ, тухмиҳои микробиологӣ, бемории растаниҳо, пешгирии заҳролудшавии олами набототи ҳудуд ва таъмини истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати фитосанитарӣ тоза машғул мешавад, яъне корҳои профлактикиро анҷом медиҳад.

Агентӣ парвариши ҳашароти фоидаоварро низ назорат мекунад. Ҳашароти фоидаовар дар биолабораторияҳо парвариш карда мешаванд. Онҳо барои нест кардани ҳашароти зарарасони растаниҳо аҳамияти калон доранд. Ин амалиёт ба содироти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ кумак мерасонад. Зеро, ҳашароти фоидаовар баробари фаъолияти ҳашароти зарарасонро бартараф намудан, фаровонии ҳосилнокӣ ва сифати хуби онро таъмин мекунанд. Агентӣ сифати маҳсулоти воридотиро низ ҳамеша назорат мекунад ва ба истеъмоли он иҷозат медиҳад.

Умуман, Агентии карантин бобати ҷилавгирӣ аз афзоиши ҳашароти зарарасон ва касалиҳои растаниҳои карантинӣ ва фаромарзӣ дар солҳои охир фаъолона кор мекунад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Навоӣ.**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ НАВ БА ЗИНДАГИИ МО ЧӢ ГУНА ТАЪСИР МЕРАСОНАД?

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ё ки агар яке аз наздикони мо дар шаҳри дигар, ҳатто кишвари дур зиндагӣ кунад, мо метавонем бо ӯ тавассути телефон, паём ё видеозанг озодона сӯҳбат кунем. Хосатан, барномаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ барои мардум имкон медиҳанд, ки онҳо ҳамарӯза бо дӯстону наздикони худ дар алоқа бошанд.

Дар ҳақиқат, имрӯз технология ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии инсон қарор гирифтааст. Аз лаҳзаи бедоршавӣ то вақти хоб мо бо технология сарукор дорем. Аз тариқи он соҳиби маълумоти зарурӣ мешавем, ҳатто ин ё он бемориро тавассути дастовардҳои нави фаннӣ муолиҷа менамоем.

Ҷанбаи дигари ин имкониятҳои даврони муосирро низ мо набояд фаромӯш кунем. Зеро технологияи замонавӣ дар баробари фоидаоварӣ масъулият низ тақозо мекунад. Тавре ки устодони коршиноси мо ҳамеша гӯшрас менамоянд, агар инсон технологияро идора кунад, вай соҳиби пешрафт мешавад. Вале агар технология инсонро идора кунад, хатари аз даст рафтани арзишҳои инсонӣ, меҳру муҳаббат беш аз пеш меафзояд ва ба ҷои фоида зарар меоварад.

Биёед, ҳамтоёни азиз, дар ҷаҳони муосир ҳамаи мо ба ақли худ такя кунем, хеле бо эҳтиёт ва масъулиятшиносона аз навгониҳои замон истифода барем. Он гоҳ мо ба дастовардҳои зиёд ноил мешавем ва дар пешрафти мамлакати соҳибистиқлоли худ саҳми босазо мегузорем.

**Ситораи НАЗАРИЁН,**
**донишҷӯйи соли сеюми гурӯҳи тоҷикии ДДФ.**

*Эҳтиром*

# БОБОЯМ – ИФТИХОРАМ!

Солҳо мегузаранд...

Аммо ҳар бор, ки 9-уми май фаро мерасад, дар қалбам як ҳисси аҷиб бедор мешавад – ҳисси ифтихор ва дард. Ин ду эҳсос бо ҳам омехтаанд, чун дар хотираи ман 9 май на танҳо як санаи таърихист, балки қиссаи зиндагии бобокалонҳоям низ ҳаст, ки барои зиндагии имрӯзи пурнишоту фаровони мо зидди адӯ ҷангидаанд.

9 май рӯзи ёдоварӣ аз қаҳрамонон аст, ки барои барқарории сулҳу осоиштагии наслҳои баъдӣ талош карданд ва баъзе ҷон супурданд ва баъзе шаҳди пирӯзӣ чашида ба Ватан баргаштаанд. Мо бо муҳаббат ба хотираҳои онҳо назар мекунем, ки на танҳо бобокалони ман — Муҳаммадсаид Ҳамроалиев, балки ҳазорон нафар аз ҳамватанони мо бо сарбаландӣ ба ҳимояи Ватан рафтаанд.

Бобоям бо умеду орзуҳои ҷавонӣ зиндагиро оғоз кардаанд, аммо ҷанг шурӯъ шуда, бо даъвати Ватан, дар Ҷанги дуюми ҷаҳон иштирок намудаанд. Он кас барои наҷоти инсон, пос доштани хоки муқаддас ҷангидаанд ва бо захм дар тан, вале ифтихор дар дил набардро ба поён расондаанд.

Падарам дар бораи бобоям чунин мегӯяд: «Ӯ на ҳарф мезад аз он рӯзҳо, балки нигоҳи хомӯши ӯ ҳама чизро мегуфт. Ҳар сол 9 май гӯё дар чашмонаш шабҳои сард, симои дӯстоне, ки барнагаштаанд, садои таркишҳо зинда мешуд. Вале ӯ чунин мепиндошт: «Агар мо ҷони худро дар хатар гузошта намеҷангидем, шояд имрӯз на ту будиву на орзуҳоят».

Вақте ки мо ба ёдгориҳои ҶДҶ гул мегузорем, аз онҳое ёд мекунем, ки даҳҳо, садҳо, ҳазорҳо нафар қаҳрамононанд ва маҳз онҳо барои рӯзҳои ороми имрӯза ҷони худро фидо кардаанд.

Бобоям дар зиндагӣ, меҳнат низ шуҷоат нишон додаанд ва даҳсолаҳо дар саҳро заҳмат кашидаанд.

Рӯзи хотира ва қадр танҳо рӯзи ёд кардани онҳое нест, ки дар майдони набард қаҳрамонӣ кардаанд, балки васф намудани онҳое низ ҳаст, ки дар ақибгоҳ барои пирӯзӣ меҳнат кардаанд. Пас, бе роҳи тайкардаи бузургони пешин, мо наметавонистем осоиштагии зиндагии имрӯзаро ба таври бояду шояд эҳсос кунем.

**Фархунда МАНДОНОВА,**
**донишҷӯйи соли 3-юми гурӯҳи тоҷикии ДДФ.**

*Минбари ҳуқуқшинос*

# ДОИР БА ТАРТИБИ ХУСУСИГАРДОНИИ ҚИТЪАҲОИ ЗАМИН

***Агар гӯем, ки имрӯз дар мамлакатамон ба рушди ҳама соҳаҳо бо шеваи нав қаробат меҷӯянд, саҳв нахоҳад шуд. Дигаргуниҳое, ки дар соҳаи амволи ғайриманқул ва сохтмон низ рӯй медиҳанд, далели ин гуфтаанд. Моҳи феврали соли 2022 қарори Девони Вазирон доир ба чорабиниҳо оиди ба амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи хусусигардонии қитъаҳои замине, ки ба хоҷагии деҳот пешбинӣ шудааст», ба тасвиб расида буд. Дар он низоми маъмурии хидматрасонии давлатӣ оиди хусусигардонии қитъаҳои замине, ки ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ барои истифодаи доимӣ, иҷора ё як умр ба мерос дода мешаванд, тасдиқ гардидааст.***

Бино ба низоми маъмурӣ хидмати давлатии хусусигардонии қитъаҳои замин тавассути МХД ё Портали ягонаи хидматҳои интерактив (my.gov.uz) расонда мешавад. Ин гуна қитъаҳои замин хусусӣ гардонда мешаванд: қитъаҳои замине, ки конҳои кандании фоиданок доранд; қитъаҳои замине, ки ба таркиби заминҳои ҳифзи табиат, солимгардонӣ ва ба мақсадҳои таърихию фарҳангӣ пешбинӣ шудаанд, ҳамчунин, заминҳое, ки ба фонди ҷангалу об, мавриди истифодаи умум қарор гирифтаи шаҳру шаҳракҳо тааллуқ доранд; қитъаҳои замине, ки дорои объектҳои мулки давлатиянду тибқи қонунгузорӣ хусусӣ гардонда намешаванд; қитъаҳои замине, ки барои истифода дар минтақаҳое ҷойгир шудаанд, ки дар онҳо тибқи қонунгузорӣ барои ба амал татбиқ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ маҳдудиятҳо пешбинӣ шудааст; қитъаҳои замине, ки ба онҳо моддаҳои хавфнок асар кардаанд ва аз биоген заҳролуд шудаанд; қитъаҳои замине, ки дар давраи фаъолияти минтақаи иқтисодии махсус, бино ба тартиби қонунгузорӣ, ба иштирокдорони минтақаҳои иқтисодии махсус тақдим карда шудаанд; қитъаҳои замине, ки хонаҳои бисёрҳуҷра доранд ва ё ба замини хонаҳои бисёрҳуҷра пайвастанд; қитъаҳои замине, ки барои татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлатию хусусӣ, муоҳидаву шартномаҳои шарикии иҷтимоӣ, ҳамчунин, барои ниёзҳои ҷамоатӣ ба шахсони ҳуқуқӣ дода шудаанд.

Ариза ба шуъбаи сохтмони ноҳия (шаҳр), барои таҷдиди назар кардани филиали кадастр ба сохтори ахбори «Yerxususiylashtirish» интиқол дода мешавад. Филиали кадастр, баъд аз қабули ариза, дар тӯли 5 рӯзи корӣ маълумотҳоро мавриди тафтиш қарор медиҳад. Шуъбаи сохтмони ноҳия (шаҳр) дар тӯли 3 рӯзи корӣ минтақаи ҷойгиршудаи замин (пункти аҳолинишин ё ҳудуди байни онҳо) ва мувофиқати қитъаи заминро, бо дар назардошти ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи рушди шаҳрсозӣ, тафтиш менамояд. Дар сохтори ахбори «Yerxususiylashtirish» натиҷаҳои ариза, тибқи хабарнома (тасдиқ ё рад кардан) омода гардида, ба соҳиби ариза фиристонда мешавад.

Тибқи он, соҳиби ариза дар тӯли 10 рӯзи корӣ маблағи пардохти хариди заминро амалӣ мегардонад. Баъди пардохти саривақтӣ ордери давлатӣ дода мешавад, ки он ҳуқуқи соҳиби мулк буданро тасдиқ менамояд. Сипас, идораи кадастр тибқи ордер дар тӯли 2 рӯзи корӣ ҳуқуқи соҳиби мулк гардидани шаҳрвандро аз рӯйхати давлатӣ мегузаронад ва як нусхаи онро ба соҳиби ариза ё МХД интиқол медиҳад.

**К. АСКАРОВ,**
**директори Маркази хидматҳои давлатии шуъбаи адлияи ноҳияи Бӯка.**



*Марғелон аз қадимулайём ҳамчун шаҳри ҳунармандон машҳур аст.*

*Айни замон дар ин ҷо беш аз ҳазор нафар намояндагони хонаводаҳо дар соҳаҳои адрас, атласбофӣ, кандакории чӯб, тоқидӯзӣ, оҳангарӣ ва мисгарӣ фаъолият мебаранд.*

*Соҳиба Орифова, сокини ноҳияи Тошлоқтеппаи шаҳр 8 сол мешавад, ки бо дӯхтани тоқиҳои ироқӣ машғул аст.*

*Вай то имрӯз ба бисёр шогирдон асрори тоқидӯзиро омӯхта, 30 нафар занонро дар асоси хонакорӣ бо кор таъмин намуд.*

*Тоқиҳои ҳунарманди моҳирро бевосита аз хона харидорон ба маблағи 40-45 ҳазор сӯмӣ харида мераванд. Бо ҳамин роҳ Соҳиба моҳе ба ҳисоби миёна даҳ миллион сӯм даромад мегирад.*

***Дар сурат:** ҳунарманди моҳир Соҳиба Орифова.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

*Андешаҳои донишҷӯ*

# МО – ҶАВОНОН ДӮСТИРО МЕПАРАСТЕМ

***Халқҳои Осиёи Марказӣ ҳазорсолаҳо дар минтақаҳои наздик ба ҳам зиста, аз ҷиҳати таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба таври узвӣ ба ҳам пайванд будаанд. Хусусан, ӯзбекону тоҷикон — асрҳо дар як сарзамин, дар фазои як тамаддуни таърихӣ зиндагӣ кардаанд. Миёни макони зист, забон, фарҳанг, эътиқодҳои динӣ ва урфу одатҳои онҳо монандиҳои зиёде вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин ҳар як миллат аломатҳои хоси этникӣ, фарҳанги махсус ва роҳи рушди таърихии худро дорад.***

Дӯстии Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ намунаи равшани алоқаи адабии ду миллат аст. Муносибати онҳо на танҳо дар адабиёт, балки дар фарҳанг ва фалсафа низ таъсири амиқ гузоштааст.

Яке аз фарқиятҳои асосии миёни ин ду халқ — забон мебошад. Забони ӯзбекӣ ба гурӯҳи туркии забонҳо дохил мешавад, дар ҳоле ки забони тоҷикӣ ба гурӯҳи эронӣ мансуб аст. Бо вуҷуди ин фарқ, ду халқ дар тӯли таърих забони якдигарро омӯхта, муоширaт кардаанд. Хусусан, ҳоло мардуми минтақаҳои наздисарҳадӣ ҳар ду забонро хуб медонанд.

Дар бисёр соҳаҳо — савдо, деҳқонӣ, ҳунармандӣ — мубодилаи луғавӣ байни ду забон ба амал омадааст. Калимаҳои зиёди тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ истифода мешаванд.

Ӯзбекон дар Тоҷикистон ва тоҷикон дар Ӯзбекистон забони миллии худро нигоҳ дошта, дар фазои эҳтиром ва сулҳомез зиндагӣ доранд. Дар ҳар ду миллат меҳмоннавозӣ, эҳтиром ба калонсолон ва пойбандӣ ба арзишҳои оилавӣ хеле устувор аст.

Маросимҳои тӯй, ақди никоҳ ва тӯйи суннат, маросими ёдбуди марҳумон, ороиши манзил, санъати ошпазӣ — дар ҳамаи ин ҷиҳатҳо шабоҳатҳои зиёде миёни тоҷикон ва ӯзбекон мавҷуд аст. Масалан, палав (ош), самбӯса, лағмон, шӯрбо — таомҳои маъмулие мебошанд, ки ҳар ду миллат онро дӯст медоранд. Дар фарҳанги либоспӯшӣ матои атлас, адрас ва зарбофт миёни занон маъмуланд.

Санъати мусиқӣ низ василаи муҳими робитаи ду миллат аст. Дар миёни ду халқ санъати шашмақом хеле рушд ёфтааст.

Олимони тоҷик ва ӯзбек дар соҳаҳои таърих, астрономия, тиб, фалсафа ва меъморӣ бо ҳам ҳамкорӣ доранд.

Ҳамчунин, дар адабиёти шифоҳии мардумӣ — достон, афсона, мақолу зарбулмасал, чистонҳо — шабоҳатҳои зиёд ба чашм мерасанд. Ин нишонаи наздикии рӯҳияи мардум мебошад.

Равобити сиёсӣ ва фарҳангии байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар солҳои охир боз ҳам мустаҳкамтар шуданд. Тиҷорати наздисарҳадӣ, мубодилаи донишҷӯён, чорабиниҳои фарҳангӣ ва ҷашнвораҳои мусиқӣ муносибати байни халқҳоро мустаҳкамтар месозанд. Ин ба таҳкими риштаҳои дӯстӣ байни миллатҳо хидмат мекунад.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд донишҷӯёни миллатҳои мухталиф – тоҷик, ӯзбек, рус, қароқалпоқ, қазоқ, қирғиз таҳсил мегиранд ва миёни онҳо фазои дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, Модар, забон ва миллат ҳукмфармост.

**Рӯзигул МУСТАФОЕВА,**
**донишҷӯйи факултети педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ.**

# ХУШНАВИСӢ АЗ ИНСОН ТАМКИН МЕТАЛАБАД

**_Санъати хаттотӣ, ба истилоҳи дигар хушнависӣ, таърихи тӯлонӣ дорад, ки омӯхтани нозукиҳои ин намуди санъат аз инсон тамкин, ирода, заковат ва ҳамзамон ҷаҳонбинии васеъ талаб мекунад. Ин аст, ки на ҳар кас дар ин ҷодаи заҳматписанд муваффақ мешавад._**



Бояд гуфт, ки дар асрҳои гузашта дар ҳавзаҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хоразм ва Фарғона мактабҳои махсуси хушнависӣ амал мекарданд. Ҳоло ин намуди санъат то ҳадде аз байн рафтааст. Аммо дар минтақаҳои гуногуни мамлакат нафароне ёфт мешаванд, ки бо меҳру самимияти афзун ҷиҳати рушд ва пойдории санъати хаттотӣ талош мекунанд. Илҳом Кешӣ (Назаров) аз зумраи чунин инсонҳо аст. Хушнависӣ шуғли дӯстдоштаи ӯ ба шумор меравад.

Илҳом Назаров худ зодаи деҳаи Ҳисораки ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё аст. Пас аз хатми мактаби зодгоҳ, таҳсилро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон идома медиҳад. Ду сол дар Байконури Қазоқистон қарзи ҷавонмардии худро адо карда, фаъолияти меҳнатиро дар автобазаи обанбори ноҳияи Шаҳрисабз оғоз мекунад.

Бино ба гуфтаи ӯ, бобояш мулло Абдуназар яке аз хаттотони машҳури замони худ буда, тӯли солҳо дар мадрасаҳои Бухоро бо хушнависӣ машғул шудааст. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки Илҳом аз айёми мактабхонӣ ба хати ниёгон шавқ пайдо карда, баъд навиштани ҳарфҳоро мунтазам машқ мекунад.

Ӯ мегӯяд, ки ҳангоми таҳсил дар мактаб рӯзе китоби Умари Хайём ба дасташ меафтад. Дар он рубоиёти шоир бо се забон – форсӣ, русӣ ва ӯзбекӣ чоп шуда буд. Илҳом баробари аз ёд кардани рубоиҳо, гунаи форсии онҳоро рӯйи коғаз меорад ва хушнависиро машқ мекунад.

Бо гузашти солҳо шавқмандии мавсуф ба омӯхтани хати ниёгон меафзояд. Дар ин ҷода аз олимони машҳур Эшон Абдуҳалими Ғелонӣ, Шоислом Шомуҳаммадов, Сайфиддин Рафиддинов, Шайх Абулазиз Мансур, Ҳабибулло Солеҳ ва Тӯхтамурод Зуфаров маслиҳатҳо гирифта, дар назди хушнависи бомаҳорат, Салимҷон Бадалов маҳорати хаттотии худро сайқал медиҳад.

Илҳом Назаров иқтисоддон буда, дар соҳаҳои гуногун кор кардааст. Ҳатто чанд сол дар муҳоҷират будааст. Аммо доим барои хушнависӣ вақт меёбад. Аз ин машғулияташ хаста намешавад ва баръакс пайваста барои ҳифзу хушнависии ашъори мондагори Рӯдакӣ, Хайём, Румӣ, Ҳофиз, Навоӣ ва дигарон мекӯшад.

Борҳо бо намунаҳои хаттотии худ дар чорабиниҳо, аз ҷумла, соли 2019 дар анҷумани Маркази фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ иштирок кардааст. Маҳсули эҷодаш дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудаанд. Ҳатто маҷаллаи «ЧегдоМЫн от А до Я»-и Русия чанд намунаи хушнависии Илҳом Назаровро, ки рубоиёти Умари Хайёмро бо забонҳои форсӣ-тоҷикӣ, ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ рӯйи коғаз оварда буд, дар саҳифаҳои худ ҷой додааст.

– Омӯхтани ҳуруфи ниёгон барои ҳар як инсони худшиносу худогоҳ муҳим аст, – иброз дошт Илҳом Назаров. – Чунки қисми асосии осори гузаштагони мо маҳз бо ҳуруфи форсӣ навишта шудааст ва онҳоро наомӯхта инсони комил шудан мушкил. Метавон гуфт, ки хаттотӣ ҳам як ҷузъи тамаддуни мо ба шумор меравад. Он хусусиятҳои хосаи худро дошта, дар мо назари зебоишиносиро такмил медиҳад. Яъне, таваҷҷуҳи инсонҳо ба зебоӣ бештар мешавад. Инчунин, таҳаммулу сабрро дар инсон меафзояд. То замоне, ки дар инсон сабр набошад, ӯ хаттот шуда наметавонад. Ин ҳунар аз инсон пеш аз ҳама тамкин металабад. Хусусияти хубаш боз дар он аст, ки нури чашмро рӯшан мекунад, ба инсон завқ мебахшад.

Ёдовар мекунем, ки Илҳом Назаров баробари иқтисоддони ботаҷриба, хаттоти бомаҳорат будан, падари ғамхор низ ҳаст. Ҳамроҳи ҳамсари худ Гулчеҳра панҷ нафар фарзандро таълиму тарбияи нек дода, яке аз оилаҳои намунавии Ҳисорак ба шумор меравад. Ҳоло Ислом докторанти Донишгоҳи давлатии Гулистон, Азиза ҳамшираи шафқат, Икром усто, Гӯзал донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии шарқшиносӣ ва Иқбол донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд ҳастанд. Фарзандон ҳамеша мекӯшанд, то дуои модаркалони 91-солаи худ Саломатбибӣ, падару модари меҳрубону ғамхори худро гирифта, дар ҷодаи илму зиндагӣ фаъолият ба комёбиҳои бештар ноил шаванд.

**Ф. ЙӮЛДОШЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*9 Май – Рӯзи хотира ва қадр*

# ИФТИХОРИ АРАБХОНА

**_Ҳар сол ба муносибати Рӯзи хотира ва қадр хонадони иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз ноҳияи Самарқанд, собиқадори таълими халқӣ, пири барнодил Аҳадбобо Очилови 101-сола аз меҳмонон пур мешавад._**
**_Мо низ бо супориши идораи «Овози тоҷик» ба кулбаи хоксоронаи ӯ, воқеъ дар маҳаллаи Арабхонаи ноҳияи Самарқанд, рафтем, то аз суҳбати ин диловари Ватан баҳраманд гардем. Боиси тааҷҷуби мо буд, ки мӯйсафеди нуронӣ хотироти қавӣ дорад._**

## АСКАРИ ПОЙЛУЧ

– Он айём ҷавони 17 сола будам, – мегӯяд ӯ, – дар саҳро пойлучу сарлуч каланд мезадам. Аз куҷое ду нафар пайдо шуда, байни худ чизе гуфтанду наздам омаданд.

– Ту чандсола? – пурсид яке аз онҳо, – чаро дар ин ҷо кор мекунӣ?

– Ана ҳамин заминро колхоз ба ихтиёри модарам додааст. Мо деҳқонӣ мекунем.

– Ҳозир ҳамроҳи мо ба шуъбаи комиссариати ҳарбӣ меравӣ, – амр дод яке, – давоми суҳбат дар ҳамон ҷо мешавад.

– Хуб, лекин иҷозат диҳед, ба хона рафта, модарамро огоҳ созам, пойафзол пӯшам...

– Вақт нест,– амр намуд дигаре, – рафтем!

Дар шуъбаи комиссариати ҳарбӣ боз чанд нафар ҳамгузарҳои худро дида, хурсанд шудам. Шахси либоси ҳарбидор пурсид, ки чандсолаам.

– Баъди шаш моҳ ҳаждаҳсола мешавам, – гуфтам ба ӯ.

– Хеле нағз, – ба китфам тап-тап зад вай,– аскари тайёр! Ба хидмати ҳарбӣ меравӣ?

Чанд нафар сӯям кунҷковона менигаристанд. Ман тасдиқомез сар ҷунбондам.

Он шахс ба кадоме фармуд, ки ба хонаи мо рафта, ба модарам воқеаро фаҳмонад ва бегоҳирӯзӣ барои гусел ба роҳи оҳани шаҳри Самарқанд ояд.

Ана ҳамин тавр баҳори соли 1942 номи аскари пойлучро гирифтам. Ҷанги хонумонсӯз ҳаёти мустақил ва осудаи оилаи моро низ ҳалалдор кард...

## ЗАБОНДОНӢ – ҶАҲОНДОНӢ

Дар Туркманистон омӯзишгоҳи танкистон будааст. Дар он ҷо даъватшудагон на танҳо аз Самарқанд, инчунин аз Тошканд, Бухоро ва Тоҷикистон низ буданд.

Аҳад Очилов ғайр аз забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ, русиро низ хуб медонист, бинобар ин ӯро сардори гурӯҳи курсантҳо таъин карданд, ҳатто гоҳ-гоҳ вай вазифаи тарҷумониро ҳам иҷро менамуд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# ФАРЗАНДИ НАКӮНОМИ ДУОБА



Борҳо ҷон дар каф бо қаллобону роҳзанҳо ва авбошон даст ба гиребон шуда, дар мавридҳои дигар тибқи қонун ҳаққу ҳуқуқи ҷабрдидагонро ҳимоя кардааст. Сипари боэътимодаш буд садоқату ҷасорат ва хидмати софдилона ба халқу Ватан. Ҳатто лозим омад, ки ҷавони хештаншинос дар баъзе лаҳзаҳо фишору шартҳои кӯтоҳназаронро мардонавор паси сар намояд. Дар ҳақиқат, мартабаву рутба ва унвонҳо осон ба даст намеоянд.

Подполковник Абдуфаттоҳ Рӯзиқулов дар шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Қумқӯрғон панҷ сол ба сифати сардор ифои вазифа кард. Маҳз дониш, таҷриба, маҳорати касбӣ ва шуҷоаташ ба роҳбари масъулиятшинос имкон дод, ки дар қаламрави ноҳия ҳаёти осоишта таъмин гардида, роҳи ҳар гуна қонуншиканиҳо сари вақт гирифта шавад...

Оре, роҳу пайроҳаҳои ҳаёт пурпечутоб буда, гоҳ шодиву нишот мебахшанду гоҳе бори ғуссаву ғам бар дӯш мегузоранд. Марги нобаҳангоми хоҳари дилбанд дилашро реш кард. Бисёр мехост, ки Гулбаҳор орзуву ҳавас ва бахти фарзандонашро бинад. «Акаҷон, ақаллан тӯйи арӯсии Гулнигорро медидам», барин суханони армонии хоҳарро шунида, бесадо мегирист.

Афсӯс, муолиҷаи шифокорони ботаҷрибаи пойтахт ҳам суде набахшид. Абдуфаттоҳ васияти хоҳарашро ба замин нагузошт...

Одамшиносу рамузфаҳм аст ӯ. Ҳамдеҳагони кушодадилу ҳалим ва аҳлу тифоқашро дӯст медорад. «Ҳамдеҳагони ман меҳмоннавозанд», боилтифот мегӯяд ӯ. Завқ мебарад аз ҳазлу мутоибаҳои намакини нафарони шӯхтабъ. Мефахрад, ки ҷавонони зодгоҳ нангу номус доранд ва хушодобанду фидокор. Яктану якҷон баҳри ободии ватани кӯчак, ки порае аз ватани бузург аст, талош меварзанд. Меҳнати шабонарӯзии онҳо буд, ки дар ҳаракати «Буҷети ташаббускор» се маротиба пирӯзиро ба даст даровардаанд.

Абдуфаттоҳ боз як корнамоии пиру барнои Дуобаи азизашро ёдрас кард. Оре, ба туфайли саховату дастгирии эшон шаҳрвандон О. Бобоев, А. Қурбонов ва Ю. Мирзоев, ки бо амалиёти ҷарроҳии фаврии узвҳои дилу ҷигар ниёз доштанд, ба қавле, ба соҳили наҷот расиданд.

Бо муҳити рӯҳафзо ҳамболу ҳамнафас ва ҳамқадам аст собиқ хатмкардаи мактаби олии малитсияи Тошканд. Имрӯзҳо на танҳо дар ноҳияи Узун, балки дар Сариосиёю Деҳнав ва дигар минтақаҳо низ дар ҳаққи ӯ суханони нек мегӯянд.

– Акаи Абдуфаттоҳ аз зумраи фардони соҳибдил, хоксор, хайрхоҳ ва дурандешанд, – изҳори назар кард дар суҳбат бо мо раиси маҳаллаи «Дӯстлик» Илҳом Муродов.

– Номбурда аз мо танҳо бо пурсидани мушкилот маҳдуд намешаванд, дар ҳалли онҳо ёрии амалӣ низ мерасонанд.

Рост мегӯед раис. Дар маҳалла ашхосе мисли Абдуфаттоҳ кам нестанд. Вақте мо дар ҳашари қабристони «Арзанпоя» ва бунёди пули дарёи Обизаранг ширкат доштем, вай чанд бор аз рафти корҳо хабар гирифт ва дар ҳалли мушкилот саҳм гузошт.

Чунончи, ҳусни ду тарафи даромадгоҳи қабристонро дарахтони гуногун мекостанд. Ин ҷавонмард мушкилотро ҳал кард. Ниҳолҳои нави арчаро дастрас намуда, бо роҳи ҳашар ба ҳусни оламии хомӯшон афзуд. Дарвозаи хуштарҳ ва девори аз хишти пухта қадкашидаи ин манзил ба туфайли ҳиммати ӯст. Дар маҳфилу гирдиҳамоиҳои гуногун тамкину бурдборӣ пешаи ин инсони хушмуомила аст.

Таассуф, ки бархе аз мо бо рафтору гуфтори ноҷоя ба фазилатҳои инсонӣ соя меафканем. Пургӯем, гоҳе аз пашша фил, аз фил пашша месозем, ҳавобаландему шуҳратгадо.

***

Абдуфаттоҳ дар хонадони амаки Абдусаттор, ки дар тарбияи фарзандон сахтгиру серталаб буд, ба воя расид. Нӯҳ нафар фарзанд нозу ниёзи худро бештар тавассути модар ба амал мебароварданд. Заҳмати волидон барҳадар нарафт. Аксарияти ҷигарбандонашон соҳибмаълумотанд. Сермаҳсулу доманадор буд фаъолияти меҳнатии падар. Аз механизатори одӣ то директории хоҷагии давлатӣ роҳест тӯлонӣ ва пуршараф.

– Саҳми амаки Абдусаттор дар бунёди боғоти доманакӯҳҳои Чошу Дуоба назаррас аст, – мегӯяд сокини деҳаи Ӯрах акои Назаралӣ. – Раҳматӣ он солҳо дар хоҷагии Хонҷиза бори агрономиро бар дӯш доштанд.

Яке аз соҳибкорони варзида Усмоналӣ Ҳусинов дар ҳаққи устодаш чунин суханонро иброз дошт:

– Даврони истиқлол соҳибкориро эҳё кард. Аммо устоди мо, равонаш шод бод, ҳанӯз дар ҳамон солҳои ба ном «карахтӣ» инсони соҳибкору чашмикордон буд.

– Бубинед, – гуфтаҳои У. Ҳусиновро тақвият медиҳад раиси маҳалла И. Муродов, – дар ҳоле, ки аксарияти мардум барои парвариши чорво ҷуворимакка мекориданд, он кас дар заминҳои наздиҳавлии худ ва фарзандонашон бо кишти зироати сердаромад, мисли карам ва чормағзи заминӣ, сарукор доштанд. Дар он солҳо парвариши 50 сар гӯсфанд ва се-чор сар чорвои калони шохдор кори саҳл набуд.

«Мероси падар хоҳӣ – касби падар омӯз», гуфтаанд ниёгонамон. Ҳоло подполковники бознишаста Абдуфаттоҳ Рӯзиқулов идомадиҳандаи кору пайкори падари хеш аст. Ӯ аз имконият ва имтиёзҳои даврони истиқлол босамар истифода мебарад. Фермаи гӯсфандпарвариро ба роҳ монда, аз гармхона низ фоидаи калон ба даст меоварад. Гоҳе ҷомаи корӣ дар бар ӯро дар замини наздиҳавлиаш мебинед. Ободии рӯзгор ва файзу баракаро аз меҳнати ҳалол медонад.

Айни ҳол сулолаи Рӯзиқуловҳо, ки ба он Абдуфаттоҳ роҳнамову маслиҳатгар мебошад, ба рушду нумӯи Ӯзбекистони Нав саҳмгузор аст. Бародари калонӣ Абдулқосим – шифокори варзида, Абдуаҳад ва Абдувоҳид – омӯзгорони ифтихорӣ, Абдуҷалил мисли падар – соҳибкори соҳибмаълумот, ҳамсараш – Дилафрӯзбону роҳбарии кӯдакистони 24-умро ба ӯҳда дорад.

Завҷаи вафодори Абдуфаттоҳ – Дилором кадбонуи оқила, фарзандонашон Фаридун – духтури дандон, Сиёвуш – омӯзгори забони англисӣ.

– Дуо мекунем, ки ба кишвари ободу осудаамон чашм нарасад, – бо шукргузорӣ мегӯяд момои Хосияти 88-сола.

Абдуфаттоҳ дар ҷавоб ба суоли мо ба забон овард:

*Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,*
*Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.*

Агар дар мисоли фаъолияти ҷавонони маҳалла мулоҳиза ронем, хушбахтона, онҳо дастовард ва анъанаҳои неки бобоёну падарони хешро пос медоранд. Насли ҷавон тибқи талаби замон дар рӯҳи созандагӣ пайи бозёфтҳои илму ҳунар раҳсипоранд. Ҳоло даҳҳо ҷавонони маҳалла дар муассисаҳои таълими олии мамлакат ва давлатҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд.

**Ниёзмурод МУРОДОВ,**
*ноҳияи Узуни*
*вилояти Сурхондарё.*

*Минбари донишҷӯй*

**_Касбу ҳунарҳо бисёранд. Дар байни онҳо касби омӯзгорӣ, ифтихорӣ ва шарафнок мебошад. Чунки соҳибони ин касб ба инсоният ғизои маънавӣ дода, насли наврасро тарбия мекунад, ба камол мерасонад. Агар гӯем, ки омӯзгор муҳандиси рӯҳи одам аст, хато намекунем._**

# КАСБИ МУҚАДДАС

Солҳои охир барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва обрӯю эътибори муаллим аз тарафи ҳукуматамон чораҳои судбахш амалӣ мешаванд. Биноҳои замонавии мактабҳо бунёд шуда истодаанд.

Дар ҳамаи шаҳру деҳаҳо омӯзгорони собиқадор сазовори ҳурмату эҳтироми мардум гаштаанд. Модаркалони ман ҳам яке аз онҳост. Он кас беш аз сӣ сол ба насли наврас таълиму тарбия додаанд ва имрӯз даври пиронсолӣ меронанд. Ман маҳз аз модаркалонам ибрат гирифта, касби омӯзгориро пешаи худ кардам. Медонам ин касб – касби пурмушаққат ва сермеҳнат асту сабру тоқат, андешамандӣ ва мулоҳизакориро талаб мекунад. Муаллим ҳамеша дар ҳама ҷо, дар ҳар гуна вазъият муаллим аст.

Аз рӯзе, ки инсоният пайдо шудааст, ба омӯхтан ва омӯзгор муҳтоҷ шудааст. Дар ҳар замону макон омӯзгор мавқеи алоҳидаро соҳиб буд. Онҳо ба мардум хислатҳои неки одамиро меомӯзонанд, одами солимфикрро тарбия мекунанд. Ана барои ҳамин ин касб ифтихор аст.

Соли гузашта орзуи ман ҳам амалӣ шуд. Дар асоси гранти давлатӣ донишҷӯ гардидам ва имрӯз аз устодон асрори ин касбро омӯхта истодаам.

**Таҳмина ҚУРБОНОВА,**
**донишҷӯйи соли якуми факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ.**

# МАСКАНИ ТАЪЛИМ – ПОЙГОҲИ ИЛМУ ДОНИШ

**_Дар замони пешрафт, ки илму маориф пояи асосии тараққиёти ҳар як кишвар аст, нақши муассисаҳои таълимии муосир ва гуногунсамт муҳим арзёбӣ мешавад. Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландия, воқеъ дар шаҳри Самарқанд, намунаи муассисаи байналмилалӣ ва замонавии таҳсилот буда, яке аз марказҳои фаъоли бозомӯзии кадрҳои соҳавӣ дар самтҳои педагогика ва таълими забонҳои миллӣ ба шумор меравад._**

Ректори донишкада Шаҳзода Неъматова, доктори фанҳои фалсафа, профессор як шахсияти барҷастаи соҳаи маориф аст, ки дар рушди стратегӣ ва ҳамоҳангсозии барномаҳои таълимии донишкада бо таҷрибаи байналмилалӣ саҳми шоиста мегузорад. Бо роҳбарии ӯ донишкада ба як макони омӯзишии инноватсионӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мубаддал гаштааст.

Ҳоло дар донишкада аз рӯйи чанд самт чун таълими томактабӣ, таълими ибтидоӣ, методикаи таърих, биология, кимиё, физика, математика гурӯҳҳои тоҷикӣ амал мекунанд. Соли ҷорӣ 85 дарсади хатмкунандагон бо ҷойҳои кор таъмин гардиданд.

Финландия яке аз беҳтарин низомҳои таълимиро дорад. Мувофиқи маълумоти рейтинги таҳсилоти PISA ва UNESCO, яке аз 3 кишварҳои беҳтарин дар соҳаи маориф мебошад. Сабаб дар усулҳои фаъоли таълим, муносибати эҷодӣ ба омӯзиш мебошад. Донишкада бо назардошти ҳамин усулҳо, моделҳои таълимии финро дар низоми омӯзиши худ татбиқ мекунад. Яке аз муассисаҳои таълимии олие мебошад, ки ба таҳсилоти тоҷикӣ аҳамияти махсус медиҳад.

Ҳар сол, мутахассис ва муаллимон ба Финландия барои омӯзиши таҷрибаи педагогӣ меравconfigured. Онҳо дар марказҳои таълимии пешрафта ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо методологияи навин, усулҳои таълимии инноватсионӣ ва таҷрибаи роҳбарии таълимӣ шинос мешаванд, ки пас аз баргаштан дар донишкада онро ба шогирдони худ меомӯзанд.

Донишкада бо муассисаҳои таълими олии Тоҷикистон низ ҳамкории пурсамар дорад. Аз донишгоҳҳои Тоҷикистон профессор ва муаллимони ботаҷриба ба донишкада омада, бо донишҷӯён ва омӯзгорон ҷиҳати беҳтар кардани равандҳои таълим ҳамкорӣ мекунанд.

Донишкадаи педагогии Ӯзбекистон – Финландия на танҳо як маркази омодасозии омӯзгорони ҷавобгӯ ба талаботи муосир аст, балки як пойгоҳи муҳими рушди забони тоҷикӣ дар Ӯзбекистон ба шумор меравад. Омезиши анъанаи миллии маориф бо таҷрибаи пешрафтаи Финландия ба ин донишкада имкон медиҳад, ки на танҳо кадрҳои соҳибмаълумот, балки шахсиятҳоиояндасозро тарбия намояд.

**Салоҳиддин ҶАҲОНГИРЗОДА,**
**донишҷӯйи Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландия.**

*Таърихи диёрро меомӯзем*

# ҶӮЙИ МӮЛИЁНЕ, КИ РӮДАКӢ ТАВСИФ КАРДААСТ, ДАР КУҶОСТ?

Ҳокими Бухоро Наср ибни Аҳмад ба Мавр сафар карду табиати дилкашу пурҷозибаи он ӯро мафтун сохт. Аз ин рӯ, вай дар ин ҷо муддати зиёд монд. Дили аъёну ашроферо, ки ҳамроҳи ӯ буданд, меҳри оила, наздикон, пазмонии ёру диёр фишор меовард. Бозгашт ба Бухоро, гӯё аз хотири амир фаромӯш шуда буд. Онҳо ноилоҷ ба Малик-уш-шуарои дарбор Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рӯ оварда, аз вай имдод хостанд. Бад-ин минвол мадҳияи машҳури «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» арзи вуҷуд кард:

*Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

*Реги Ому бо дуруштиҳои ӯ*
*Зери поям парниён ояд ҳаме...*

*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.*

*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме...*

Мегӯянд, чун Наср ибни Аҳмад ин мадҳияро шунида, меҳри Бухоро дар дилаш чунон ҷӯш зад, ки ҳатто ба пӯшидани пойафзор ҳам тоқат накарда, ҳамаро ба по хезонд ва сӯйи Бухоро роҳӣ шуд.

Саволе ба миён меояд: Ҷӯйи Мӯлиён чӣ рӯд аст? Дар куҷо воқеъ гардидааст?

Ин ҷӯй дар самти шимоли ғарбии шаҳри Бухоро дар масофаи 4-5 километр дуртар аз шаҳр воқеъ гардидааст. Манзилгоҳи бостонӣ Мулиён ном дошта, дар шеър аз хусуси ҷӯйи он сухан меравад. Соли 1956 аз ҷониби академик Яҳё Ғуломов ва А. Қосимзода дар он ҷо (ҷойи гумонкардашудаи ҷӯйи Мӯлиён) тадқиқоти ҳафриётӣ гузаронда шудаанд. Бо вуҷуди ин, ҷойи ҳақиқии ҷӯйи Мӯлиён пурра муайян нагардидааст. Аз ин рӯ, бояд пажӯҳишҳо идома ёбанд.

Дар ин бора маълумоти Муҳаммад Наршахӣ ҷолиби диққат аст. Тавре ки ӯ дар «Таърихи Бухоро» меоварад, Исмоили Сомонӣ ин мавзеъро аз сарлашкари араб Халифа ал-Мустаъин ибн ал-Мутасам Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Толут ба 10 ҳазор дирҳам харида гирифтааст. Сипас дар ин ҷо сарою боғҳо барпо карда, қисми муайяни онҳоро ба маволӣ, яъне ба хоҷагони валӣ вақф намуд ва он «Ҷӯйи Мӯлиён» ном гирифт. Амирони Сомонӣ, ки баъди Исмоил ба тахт нишастаанд, шефтаи ҳавои тоза ва манзараҳои зебои ин мавзеъ гашта, дар ин ҷо боғу кӯшкҳо барпо кардаанд. Мутаассифона, пас аз салтанати Сомониён, мавзеи Ҷӯйи Мӯлиён хароб гаштааст.

Заминҳои ин ҷо дар замони қадим мулки подшоҳи Бухоро Таъшода (писари Бухорхудот) маҳсуб мeёфтанд, вай онҳоро ба фарзандону домодҳояш тақсим карда дода буд. Арабҳо ин ҷоро «Фаровиз-ул-улё» мегуфтанд. Исмоили Сомонӣ пас аз ҷо ба ҷо кардани ғуломони озодшуда ин ҷоро «Ҷӯйи Мӯлиён» номид. Ҳамин тариқ дар забони аҳолӣ ин ҷо ба Ҷӯйи Мӯлиён табдил ёфт. Чорбакриён дар замони Исмоили Сомонӣ дар ин ҷо макон гирифтанд, ки баъдтар ҷӯйбор ном гирифт. Ин гуфтаҳо ба деҳаи Сумитан, ки он ҷо маҷмӯи ёдгории «Чорбакр» воқеъ аст, дахл дорад. Чорбакриёнро хоҷагони ҷӯйборӣ, шайхони ҷӯйборӣ, авлиёи ҷӯйборӣ низ меноманд. Чорбакриён тӯли асрҳо дар Бухоро обрӯю эътибори хоса доштанд. Эшон ба рушду тараққии илму маърифат ва ҳаёти маънавии ҳудуд саҳми арзанда гузоштаанд. Ҳукмдорони Бухоро ба онҳо эътибори ҷудогона доштанд. Дар лаҳзаҳои душвор маслиҳат гирифта, дар мубориза барои озодию осоиштагии диёр ба эшон такя кардаанд, ҳамчунин баъзан инъому ҳадяҳо ҳам бахшидаанд. Чорбакриён дар навбати худ масҷиду мадраса, китобхонаю муолиҷагоҳ сохта, ғарибону муҳтоҷонро ба ҳимояи худ гирифтаанд, агарчи худ хоксорона зистаанд.

Ғазали «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Рӯдакӣ хеле машҳур гардид ва ба сифати намунаи беҳтарини таранниуми Бухоро эътироф шуд.

**Фаррух ТЕМИРОВ,**
**мудири кафедраи бостоншиносӣ ва таърихи Бухорои Донишгоҳи давлатии Бухоро.**

# БА ПЕШВОЗИ 80-СОЛАГИИ ҒАЛАБА




## ДАЛЕРОНИ САРЧАШМА

Ҷанги дуюми ҷаҳонии солҳои 1939-1945 ба сари халқҳои ҷаҳон кулфати беандоза овард. Мардуми тоҷики муқими Ўзбекистон дар қатори бародарони дигари худ талафоти зиёди ҷонӣ доданд. Дасти тааддии ин ҷанги хонумонсӯз ба домани деҳоти дурдасттарини кӯҳистон низ расидаву ҳаёти бонишоти бошандагони онро ба заҳр омехт. Аз ҷумла, аҳолии Сарчашмаи (дар гузашта Қизил эмчак ном дошт) ноҳияи Шаҳрисабз аз ин қисмати ниҳоят талх бенасиб намонд. Ҷавонони деҳа дар қатори садҳо ҳамтоёни худ аз деҳоти гирду атроф ба даст силоҳ гирифта, дар ҷанг иштирок намуданд ва ҳиссаи худро дар Ғалабаи Бузург бар фашизм гузоштанд. Қисми боқимондаи аҳолӣ, ки иборат аз мӯйсафедон, занон ва кӯдакон буданд, барои таъмини фронт бо ғизову сару либос ва дигар маводи зарурӣ шабону рӯзон софдилона меҳнат карданд ва ба фонди мудофиа кумак расонданд. Назар ба санадҳои таърихии он айём, аз деҳаи Сарчашма 218 нафар ба фронт сафарбар шуданд. Шоҳидони ҳол мегуфтанд, ки он замон Сарчашма якбора холӣ шуда, хеле ҳақиру кӯчак менамуд. Аз ҷавонони сафарбаршуда 108 нафар дар муҳорибаҳои беамони зидди истилогарони немис ва 15 нафар аз баталионҳои меҳнатии Ҷанги дуюми ҷаҳон барнагаштанд. Онҳо ҷони худро фидои Ватан ва озодии он карда буданд. Танҳо 95 кас бо ҳар гуна ҷароҳат аз фронт баргашта, як қисми зиёдашон дар зодгоҳ аз олам гузаштанд. Қисми боқимонда гарчи аз даст ё пойи худ маҳрум шуда, маълулони ҷанг ба ҳисоб мерафтанд, бо иродаи қавии худ ба корҳои бунёдкории пас аз ҷанг ҳиссаи арзандаи худро гузоштанд. Вопасин сарбози он ҷанги хунин аз деҳа муаллими химия ва биолгияи мактаби рақами 57 Ашӯр Шералиев буд, ки соли 2019 дар синни 93 чашм аз дунё пӯшид. Ҳоло дар Сарчашма аз далерони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ касе боқӣ намондааст. Аҳолии деҳа ҳеҷ вақт фарзандони қаҳрамони худро аз хотир фаромӯш нахоҳад кард. Ба мақсади абадӣ гардондани хотираи неки иштирокчиёни ҷанг ва ақибгоҳ аз соли 1973 бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи собиқ директори мактаби рақами 57 Муҳиддин Ибодов, муаллими таърих Абдулло Чоршанбиев ва суратгир Шомаҳмад Юлдошев ба ҷамъоварии маълумоти дақиқ, расму ҳуҷҷатҳои иштирокчиёни ҷангу меҳнат корҳои шоёне оғоз гашт ва дар мактабу саҳни идораи колхоз гӯшаи хотиравии «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нахоҳад шуд!» ташкил гардид. Он лавҳаҳои ёдгор то ҳол дар осорхонаи мактаб маҳфуз буда, рамзи сипосу қадрдонӣ аз фарзандон нисбат ба корномаҳои падару бобоёни худ дар майдони ҷангу меҳнат мебошад.

Омӯзгор Бегим Мустафоев (1923-2018) яке аз иштирокчиёни ҷанг буд. Ман аз забони ин марди шуҷоъ борҳо ҳодисоти он солҳои хеле мураккабро шунидаам. Ба гуфтаи ӯ, Сарчашма солҳои пеш аз ҷанг 11 гузар доштааст. Ҳар як гузар номи алоҳидаеро соҳиб будааст: Лаби чашма, Чалпакбаркаш, Ишқобод, Чармгар, Чуқурак, Туркак, Ҳасанӣ, Сариҷӯ, Маҳалла, Сарчашма ва Сирзор аз ҷумлаи онҳост. Устод Мустафоев соли 1933 хонандаи мактаб шудааст. Назар ба нақли ӯ, мактаб он замон бинои алоҳидае надоштааст ва хонандагон дар меҳмонхонаҳои Қарорамин, Озод, Мулло Султон, Холиҳоҷат таълим мегирифтаанд. Қисме аз синфхонаҳо тиреза дошта бошанд ҳам, оина надоштанд. Аз ҳамин сабаб, хидматгузори мактаб Абдурауфбобо ҳар ҳафта як бор ба рӯи газета керосин молида, онро бо хамир ба ҷойи оина мечаспондааст. Гунҷишкон хамирро нӯл зада сӯрох мекарданд. То бачаҳо дар сармо бемор нашаванд, ин корро дубора такрор мекардаанд. Мизу курсиҳо ҳама тахтагин будаанд. Директори мактаб Олимҷон Ёдгоров аз шаҳри Бухоро омадаву кор мекардааст. Ба хонандагон Кӯчар Қурбонов ва Намоз Мирзоев дарс медодаанд. Бегим Мустафоев соли 1940 синфи 7-ро хатм намуда, ҳуҷҷатҳояшро ба техникуми хоҷагии қишлоқи ноҳияи Шаҳрисабз месупорад. Аммо ҷанг оғоз шудаву ду бародарашро ба фронт мефиристанд. Дар хона падару модари мӯйсафед ва се хоҳараш монда буданд. Ӯ маҷбур мегардад, ки хонданро канор гузоштаву ба деҳа баргардад. Дар мактаби деҳа, ки аксари омӯзгоронаш ба ҷанг рафта буданд, муаллим намерасид. Директори мактаб Мӯсо Қотонов Бегими ҷавони дорои хату саводи кофиро дар қатори ду хонандаи фаъол Х. Бойматова ва Х. Камолова соли 1942 чун муаллим барои кор ба мактаб даъват намуд. Моҳи сентябри соли 1943 Б. Мустафоевро ҳам ногузир ба майдони ҷанг мебаранд ва ӯ дар полки 336-уми тирандозии Фронти 2-юми Белоруссия хизмат карда, дар муҳорибаҳои Бобрюск, Баранович, Брест, Нарва, Белосток ширкат меварзад. Дар рафти муҳорибаҳо ду маротиба ярадор мегардад. Дар ҷанги Остомозовеси наздикии шаҳри Варшава сахт маҷрӯҳ гардида, дар госпитали шаҳри Иваново муолиҷа меёбад. Азбаски ҷароҳат вазнин будааст, як пояшро қатъ месозанд. Вай як пойи худро дар ҷанги зидди фашизм бохта, ба деҳаи азизаш бармегардад. Маъюби гурӯҳи II маҳсуб меёфт. Бародарони Бегим аз маҳшаргоҳ барнагаштанд ва ӯ аз соли 1945 боз ба фаъолияти педагогӣ машғул гашт ва соли 1998 ба нафақа баромадаву соли 2018 аз дунё гузашт.

Корномаҳои ҷангии ҳамдеҳагони мо Муҳаммадӣ Асадов, Раҳмон Нуралиев, Рамзӣ Асадов, Самад Мирзоев, Чоршанбе Шарифов, Рӯзиқул Раҳматуллоев, Бобоҷон Раҳматов, Назар Одинаев, Шоим Ниёзов, Сафар Фармонов, Ҳасан Чоршанбиев, Ҳусейн Чоршанбиев, Шаҳрӣ Шарифов дар зарвараќи таърих сабт ёфтаанд. Онҳо дар муҳорибаҳои шаҳрҳои Москва, Ленинград, Сталинград, Курск, Киев, Варшава ва Берлин ширкат варзида, басо диловариҳо нишон додаанд.

Аммо мо дар баъзе ҳолатҳо хидмати он касоне, ки дар ақибгоҳ ҷонбозиҳо кардаанд, фаромӯш месозем. Аксари мардуми мо дар ақибгоҳ кор кардаву барои таъмини ғалаба ҳиссаи муносиб гузоштаанд. Дар ёд дорам, дар чорабиниҳои бахшида ба Ғалаба бар фашизм иштирокчиёни ҷанг даъват мешуданд, аммо қаҳрамонони майдони меҳнат аз назарҳо дур мемонданд. Деҳқонон ғалладона ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ кишт кардаву ҳосили онҳоро барои фронт равона мекарданд, ба фонди мудофиа месупориданд, аммо худашон гурусна буданд. Агар пайдо кунанд, кунҷора мехӯрданд. Ҳатто аз гуруснагии ногузир фарзандашон дар пеши чашмашон вафот мекард. Ҳоли он касоне, ки сарпарасташон дар ҷанг вафот карда буданд, боз ҳам бад буд. Аҳолии деҳот то охирин луқмаи худ, сару либосашонро ба фонди мудофиа месупурданд. Аз забони бародарам, ветерани меҳнат Намоз Чоршанбиев шунидаам, ки қиблагоҳи мо – бобои Чоршанбе аспи дӯстдоштаи худро дар асоси талаби хаттии (повестка) Комиссариати ҳарбӣ ба маркази ноҳияи Шаҳрисабз бурдаву ба давлат супоридааст. Асп барои фронт хеле зарур буда, ҳукумати вақт аз мардум тақозо мекард, ки чунин ҷонваронро ба фонди мудофиа супоранд. Аз ин сабаб, падари мо низ аспи хушфеъли худро ба маркази ноҳия бурдаву ба мутасаддиён месупорад. Аммо чун одати мардуми маҳаллӣ ва аҳолии чорводор талаб мекунад, ки ресмони онро баргардонанд. Кормандони Комиссариати ҳарбӣ инро ҷиноят фаҳмидаву мувофиқи қонунҳои замони ҷанг падарамро ҷазо медиҳанд. Вайро ҳабс мекунанд ва падарам дар маҳбаси ноҳияи Қаравулбозори Бухоро вафот мекунад. Ду бародарам ба ҷанг рафтанд ва фақат соли 1947 аз фронт баргаштанд. Нигоҳубини додар ва хоҳарони хурдсолам дар ихтиёри ман буд.

Мо пас аз ҷамъоварии ҳосил ҳамаро ба фонди мудофиа месупоридем. Азбаски техника ва ҳатто аспу хар камёфт буд, ин ҳамаро аз анбори колхоз ба дӯши мӯйсафедон, занон, кӯдакон гузошта, то анбори фонди мудофиа мекашонданд. Ин анбор аз деҳаи мо дар масофаи 40-50 километр дур, дар деҳаи Улоч ҷойгир буд. Мардум ин маҳсулотро пиёда то ин манзил бурда мерасониданд. Лекин ягон шахс аз ин меҳнати вазнин саркашӣ намекард.

Номи неку хотираи дурахшони одамоне, ки барои Ғалабаи Бузург бар фашизм саҳм гузоштаанд, ҷовидонӣ бод! Мо кору пайкори онҳоро ҳаргиз фаромӯш намекунем.

**Баҳром ЧОРШАНБИЕВ,**
**омӯзгори собиқадор аз деҳаи Сарчашмаи ноҳияи Шаҳрисабз.**

## ИФТИХОРИ АРАБХОНА

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Муҳофизони диловари Ватан, – рӯзе гуфт командири омӯзишгоҳи танкронӣ, – ҷанг дар авҷ аст. Бинобар ҳамин муддати таҳсил кӯтоҳ шуд. Фардо шумо ба Қафқози Шимолӣ раҳсипор мешавед.

Бовар дорам, ки бо ғалаба ва чун қаҳрамон ба зодгоҳи худ бармегардед.

Худованд мададгоратон бод!

Корномаи аввалини ҷанговари самарқандӣ дар муҳорибаи сарҳади Украина буд. Танки ӯ аз аввалинҳо сарҳадро убур карда, истеҳкоми фашистони золимро несту нобуд сохт. Дар сари синаи Аҳад Очилов ордени «Ситораи Сурх» дурахшид.

### БА ПЕШ, БАРОИ ВАТАН, БАРОИ СТАЛИН!

– Дар набардҳои шадиди зидди фашизм шиори мо, сарбозони артиши Иттиҳоди шӯравӣ: «Ба пеш, барои Ватан, барои Сталин!» буд, ки дар нақлиёт ва хосатан танкҳо сабт мегардид, – ба хотир меорад Аҳадбобо, – Албатта, аз радио шунидани овози марғуладори сухангӯ Юрий Левитан низ ба мо рӯҳи тоза мебахшид. Гоҳ-гоҳ ба мо, ба забони модарӣ рӯзнома ва варақаҳои ҷанговарона мерасиданд. Ин байти шоири ширинкалом Абулқосим Лоҳутӣ ҳоло ҳам дар хотирам ҳаст:

*Хуни гарми ишқу ихлосу садоқат бар Ватан,*
*Хуни нафрат, хуни кин бо душмани паймоншикан!*

– О, ба хотираи қавии шумо қоил, – ҳайрати хешро изҳор намудем мо, – аз байн 80 сол гузаштааст, ҳанӯз фаромӯш накардаед.

Табассум дар лабони ӯ ҳувайдо гардид ва ангушти ишоратиашро боло бардошта, идома дод:

*Бародарон, ба модар Ватан вафо кунем,*
*Агар, ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем!*

Ба мо, сомеъон ғайр аз кафкубӣ кардану «офарин!» гуфтан дигар илоҷе набуд.

### ПАРЧАМИ ҒАЛАБА ДАР РЕЙХСТАГ

Дар рӯзи 8-уми майи соли 1945 ротаи танкии мо рӯ ба рӯи Рейхстаг қарор гирифт. Аммо ба оташ кушодан иҷозат нашуд. Бо радио хабар доданд, ки дар ошёнаи дуюми иншоот аскарони сурх, дар ошёнаи савум ва ошхона душманон ҷойгир шудаанд. Шояд сарбозони диловари мо қабати савумро ҳам ишғол карда, ана баъд парчами Ғалабаро дар боми бино парафшон мекунанд.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Аз баландгӯяк ба забони олмонӣ эълон карданд, ки муқобилият фоида надорад, таслим шавед.

Дере нагузашта афсарону генералҳои душман даст бардошта, ба кӯча баромаданд.

Кадоме «Ғалаба!, Ғалаба!! Ғалаба!!!», – гӯён фарёд зад.

Автомату туфангҳо ба «сайр» даромаданд.

Мо, ҳарчанд дар дохили танк будем, якдигарро ба оғӯш гирифтем, баъд берун баромада, рақсу бозӣ кардем. Хурсандиамон интиҳо надошт. Сипас супориш шуд, ки зуд ба бешазори Чехословакия равон шавем. Он ҷо душманони саркӯбнашуда ба ҳуҷум гузаштаанд.

Хушбахтона, онҳоро дар муддати кӯтоҳ несту нобуд карда, ба марказ хабар додем. Маршал Малиновский дастамро фишурда, миннатдорӣ изҳор кард.

Ман аз сабаби забони русиро хуб донистан боз се сол ба генерал адъютант, яъне ёвар шуда хидмат кардам ва соли 1948 ба зодгоҳ баргаштам...

### ЛАБИ ПИР БО ПАНД НЕКӮТАР АСТ

Воқеан Аҳадбобо Очилов аввал омӯзишгоҳи муаллимтайёркунӣ, сипас Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм намуда, тӯли беш аз 50 сол дар мактаби миёнаи рақами 9-ум аз фанни адабиёт ва забони модарӣ дарс дод. Ҳоло шогирдони шогирдонаш касби ӯро идома медиҳанд.



Аз ҳама муҳимаш, бо ҳамсари меҳрубонаш раҳматӣ Зубайда Очилова шаш фарзандро таълиму тарбият доданд. Духтари калонӣ Зулайхо аз паси падар рафта, сӣ сол муаллимӣ кардааст. Нодира, Садриддин, Увайсӣ бо соҳибкорӣ машғуланд. Полковник Низомиддин Очилов ҳарбӣ буд, ӯ дар як амалиёти низомӣ ба тарзи фоҷиавӣ халок шуд. Додари ӯ бошад, ба дарди бедаво печиду ба Ҳақ пайваст.

Беш аз 50 нафар набераву абера ва 4 чабера дар атрофи бобокалон парвонаанд.

– Ман аз сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев сипосгузор ҳастам, – мегӯяд Аҳадбобои 101-сола. – Дар арафаи Рӯзи хотира ва қадр мукофоти пулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ гирифтам.

Боиси хушнудист, ки ман чор маротиба бо Сарвари давлатамон вохӯрда, дар ҳаққи эшон дуои хайр кардаам.

Ҳамааш олиҷаноб, лекин ҳамшираи шафқат, ки ба ман нигоҳубин мекарду барои ин амалаш маош мегирифт, ҳоло се моҳ боз нест, аз ин имтиёз маҳрум ҳастам.

– Бобои дуогӯ, хотирҷамъ бошед, мо ин масъаларо ҳал мекунем.

– Ташаккур, – ёд дорам, соли гузашта ҳам дар рӯзномаатон мақолаеро бо расми ман чоп карда будед.

– «Овози тоҷик» аввал «Ҳақиқати Ўзбекистон» ном дошт ва мо, муаллимони мактабҳои тоҷикӣ обуна мешудем. Медонам, ки ин газета мисли ман 101-сола шудааст. Аҳли қалам ва мухлисони онро муборакбод мекунам.

Суҳбати мо бо Аҳадбобо дер давом кард...

Сад дареғ, ки ҳоло дар вилояти Самарқанд ҳамагӣ ду нафар иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳастанд.

Умратон зиёда бодо, бобои ҷанговар!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**
***Дар акс: Аҳадбобо Очилов** бо фарзандаш.*
***Аксбардор: Баҳодури ЗОҲИР.***

## САҲМИ ЗАНОН ДАР ҒАЛАБА БЕМИСЛ БУД

***Солҳои 80-90-уми асри гузашта, ки мактабхон будем, бисёре аз иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон ва қаҳрамонони ақибгоҳ дар қайди ҳаёт буданд, дар мактабҳо бо онҳо вохӯриҳо баргузор мегардид. Онҳо аз воқеаҳои майдони ҷанг ва машаққатҳои ақибгоҳ ёдовар мешуданд ва мо мефаҳмидем, ки он солҳо барои ҳеҷ кас осон набудааст ва ғалаба низ бо осонӣ даст надодааст.***



Дар Маҷмааи ёдгории Боғи Ғалаба, ки бо ташаббуси роҳбари мамлакатамон ба муносибати 75-солагии Ҷанги дуюми ҷаҳон ба фаъолият оғоз намуда буд, ёдгориҳову лавҳаҳои зиёде мавҷуданд, ки аз тамошои он рӯҳи он давр – даҳшатҳову машаққатҳояшро кас эҳсос менамояд...

Мо аз котиби матбуоти маҷмааи ёдгорӣ Наргиза Сафарова хоҳиш намудем, ки оиди нақши занону духтарони кишварамон дар ба даст даровардани Ғалаба, саҳми онҳо дар ақибгоҳ сухан гуяд.

– Азбаски ҷанг дар майдонҳои васеву беканор содир гардида, дар он миллионҳо нафар иштирок кардаанд ва талафоти моддиву маънавии он низ ҳадду канор надошт, омӯхта ба итмом расондани тафсилоту маълумотҳо оиди он мушкилиҳо эҷод мекунад. Таҳқиқотчиёни соҳа даҳсолаҳост, ки мавзӯи ҷангро меомӯзанд ва дар натиҷаи омӯзишҳо маълумотҳои нав дастрас мегарданд, – гуфт Наргиза Сафарова. – Албатта, ҷанг аз мо дар дуриҳо шуд, аммо мардуми мо азобу уқубати ин ҷанги хонумонсӯзро аз дигар иштирокдорони он кам начашидаанд. Аз наврасони 16-17-сола то пирамардҳо ба ҷанг сафарбар гардида бошанд, бачаҳову занону пиронсолҳо дар ақибгоҳ аз пайи таъмини фронт буданд, ҳарчанд аз он неъматҳое, ки бо арақи ҷабин меофариданд, худ намехӯрданду намепӯшиданд.

Дар ҳамин маврид бояд қайд намуд, ки бонувони Ўзбекистон дар таъмини ақибгоҳ нақши муҳим бозиданд. Маҳсулоти омодакардаи онҳо нафақат ба аскарон, балки ба аҳолии шаҳрҳои аз фашистон озодгардидаи ватан низ фиристода мешуд, масалан, пас аз озод шудани шаҳри Ленинград, ки дар давоми 900 рӯз дар муҳосири гетлерчиён буд, 600 вагон орд ва гӯшт, 100 вагон биринҷ ва 60 вагон меваи хушк фиристонида шудааст.

Ғайр аз ин, он солҳо саҳми занонро дар тарбияи бачаҳое, ки аз Украина, Белоруссия ва дигар шаҳрҳои Русия ба мамлакати мо оварда мешуданд, дидан мумкин аст. Солҳои ҷанг беш аз як миллион нафар касон аз ҳудудҳое, ки фашистон ишғол намуда буданд, ба ҷумҳурии мо оварда шудаанд, ки зиёда аз 200 ҳазор нафари онҳоро бачаҳо ташкил мекарданд.

Ҳамдиёрони мо, ки аксар худашон ба кумаки моддӣ ниёз доштанд, тавассути нуқтаҳои эвакуатсионӣ то 12-14 нафар бачаҳоро ба тарбияи худ гирифтанд. Роҳбари онвақтаи кишвар Усмон Юсупов 3 нафар, Шомаҳмудови тошкандӣ 14, Қосимоваи самарқандӣ низ 14 нафар, Самадови каттақӯрғонӣ 12, Ҷӯраева ва Ашурхӯҷаеваи бухороӣ 8 нафарӣ бачагонро ба тарбияашон гирифтанд.

Яке аз бонуи номвару меҳрубон Антонина Хлебушкинаро то ҳол ҳамдиёрони мо бо сифатҳои хуби инсониаш ба ёд меорад. Ӯ соли 1942 сарварии хонаи меҳрубоние, ки дар Тошканд нав кушода буд, ба ӯҳда гирифта, то соли 1995 бо маҳорати баланд идора намудааст. Бесабаб зиёда аз чил нафар тарбиятгирандагони ин хонаи меҳрубонӣ насаби ӯро ҳамчун фамилияи худ интихоб нанамуданд. А. Хлебушкина дар ин муддати тӯлонӣ ба беш аз чаҳор ҳазор нафар кӯдак меҳри модарии худро дареғ надоштааст, ки мансуби 40 миллат будаанд.

Бо як сухан эътироф намоем, солҳои ҷанг занону духтарон касбу кори падар, писар, ҳамсар ва бародароне, ки ба ҷанг сафарбар шуда буданд, бомуваффақият соҳиб гаштанд, чунончӣ, саҳми заноне, ки то моҳи октябри соли 1941 дар корхонаҳои саноатӣ кор мекарданд, 45 фоизро ташкил карда бошад, ин нишондод соли 1943 ба 63 фоиз расид.

Он солҳо занон таҳти шиори «Барои худ ва барои рафиқи ба фронт рафтаи худ меҳнат кун, дар замони ҷанг коратро ду ҳисса иҷро кун» бо ғайрату шуҷоати баланд меҳнат карда, меъёри ҳаррӯзаро бештар аз 200 фоиз иҷро мекарданд. Наздик ба 64 ҳазор нафар бонувон ба фермаҳои чорвопарварӣ, бригада ва хоҷагиҳои ҷамоавӣ сарварӣ намуданд. Касберо ёфтан душвор буд, ки занон азхуд накарда бошанд ва онҳо ҳатто дар соҳаҳои хоҷагии халқ, монанди саноати оҳану металлургия, нақлиёти роҳи оҳан босамар кор карданд. Ҳарчанд рӯзи корӣ барои калонсолон ба 11 соат дароз карда шуда буд, онҳо дар шароити вазнин то 12-14 соат кор мекарданд.- Коргарзанони заводи авиатсионии ба номи Чкалов ва «Ташселмаш», ки меъёри ҳаррӯзаро 200 фоиз ва аз он ҳам зиёд иҷро мекарданд, бо меҳнати фидокоронаи худ ба ғалаба ҳиссаи калон гузоштанд.

Хизматҳои занон дар паси фронт назире надошт, масалан, М. Хидирова ном колхозчизан аз ноҳияи Сариосиё дар зарфи 40 рӯз беш аз 10 тонна пахта чидааст. Меҳнати даҳҳо нафар чунин заноне, ки дар пахтачинӣ фидокорӣ кардаанд, аз тарафи ҳукумат қадрдонӣ гардид, онҳо ба гирифтани унвони «Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ» мушарраф гардиданд.

4555 нафар занону духтарони ўзбекистонӣ аз рӯзҳои аввали ҷанг ихтиёран ба майдонҳои ҷанг рафта, дар Ғалаба саҳми арзанда гузоштанд, аз ҷумла, Н. Иброҳимова, А. Мукаррамова, Ф. Рамазонова, хоҳарон Ғиёсоваҳо, З. Ғаниева, Р. Алимова, А. Қаландарова, М. Самадова, М. Саидҷонова, С. Давронова, Я. Раҳматова, У. Шокирова, М. Амонова, С. Рӯзиева, С. Камолова, С. Маҷидова, Ш. Каримова, Ҳ. Усмонова, З. Полвонова, Г. Муҳаммадҷонова, З. Ҳасанова, Ш. Аҳмедова, С. Саидова, М. Хотмулина, О. Зубарева, М. Умархоҷаева, В. Захарова, Е. Нахейман, Р. Муъминова ва дигар бонувон ҳамчун шифокор, разведкачӣ, алоқачӣ, тӯпчӣ дар майдонҳои ҷанг қаҳрамониҳо нишон додаанд. Доир ба қаҳрамониҳое, ки занону духтарони Ўзбекистон чи дар майдонҳои ҷанг ва чи дар мустаҳкамсозии ақибгоҳ нишон додаанд, асарҳои зиёд навишта, филмҳои бисёр ба навор гирифта шудаанд, ки ҳамаи ин моро водор месозад, ба қадри чунин рӯзҳои орому осудаву бошукӯҳ бирасем.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 3688. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.